**Тақризи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов З.М. аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро фаро мегирад. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур дар он ифода мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ, ки марҳилаи нави рушди кишвар маҳсуб меёбад, тарҳи нави идоракунии давлатиро бо назардошти ташкили мақомоти идоракунии давлатӣ ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ роҳандозӣ кардааст. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи иқтисоди бозориро интихоб намуда, бо мақсади танзими он ташкили фаъолияти гумрукиро ба роҳ мондааст ва фаъолияти гумрукӣ дар шакли имрӯзааш бевосита ба ин марҳилаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меояд. Танзими муносиб ва самараноки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аз сатҳи ташкили фаъолияти гумрукӣ вобастагӣ дошта, сифати фаъолияти гумрукӣ бошад, бо ташкили дуруст, пурра ва ҳамаҷонибаи идоракунии давлатӣ алоқаманд аст. Бинобар ҳамин, таҳлил ва таҳқиқи масъалаи ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки моҳиятан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол соҳаи нави идоракунии давлатӣ аст аз аҳамият орӣ набуда, ба равшан намудани паҳлуҳои алоҳидаи он, муайяннамоиҳои мушкилот ва норасоиҳо, ҳамзамон таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати такмил ва рушди идоракунии давлатии соҳаи мазкур мусоидат менамояд.

Аз мазмуни таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеояд, ки муаллифи он мавзӯи баррасишавандаро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил ва таҳқиқ намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ баён намудааст. Муаллиф таҷрибаи қонунгузории кишвар дар самти танзими масъалаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро мавриди таҳқиқ қарор дода, тавсияҳои худро ҷиҳати такмили меъёрҳои қонунгузории дахлдор пешниҳод кардааст. Ҳамзамон, бо назардошти хусусияти амалӣ доштани мавзӯи таҳлилшаванда, дар қисматҳои алоҳидаи рисола муаллиф тавсияҳои амалии худро манзур

намудааст, ки ба беҳтаргардии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла мақомоти гумруки кишвар равона мегарданд.

Таҳлили мавзуи таҳқиқотӣ аз муаллиф нишон медиҳад, ки тарзи саволгузории дуруст ва муносиб дар рисола инъикос гардидааст, ки минбаъд ба таҳқиқи самараноки масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат кардааст. Махсусан, ӯ фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқӣ маъмурӣ, мазмуни фаъолияти гумрукӣ ва омилҳои таърихии ташаккули он дар ҳудуди Тоҷикистон, фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ ва ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии он, ҳадаф, вазифа ва функсияҳои идоракунии давлатӣ, моҳият ва табиати шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва намудҳои онҳо, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақом ва нақши мақомоти гумрук дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва тарзҳои таъмини онро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар рисолаи мазкур аҳамиятнокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равшан гардидааст, ки ҷиҳати дигари мусбии онро ифода менамояд. Хусусан, афзун гардонидани даромаднокии буҷаи кишвар, ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии қонуншиканиҳо вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт, аз қабили қочоқ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар ашёҳои муомилоташон манъшуда, ҳамзамон таъмини амнияти миллӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, экологӣ ва ғ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили комплексии табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таҳияи консепсияҳои асосноки илмӣ роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва таҷрибаи давлатҳои муосир дар самти мазкур пешниҳод намудани тавсияҳо бо мақсади такмил ва рушди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ ифода ёфтааст. Баҳри амалишавии мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти масъалаи баррасишавандаи рисола вазифагузории муайян гузошта шудааст, ки аз мазмуни рисолаи таҳиягардида бар меояд, ки вазифаҳои гузошташуда дар стҳи зарурӣ иҷро гардиданд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори олимон ва муҳаққиқоне чун А.П. Алехин, О.Ю. Бакаева, Д.Н. Бахрах, Б.Н. Габричидзе, Х.С. Гамидуллаева, В.В. Головин, Ю.А. Дмитриев, О.С. Жигалина, Н.И. Матузов, И.В. Милшина, М. Оймаҳмадов, Х.О. Ойев, Б.Ҳ. Раззоқов,

М.Н. Раҷабов, Р.Ш. Сотиволдиев, Н.А. Суслов, А.Д. Хрусталев ва К.Ҳ. Ҳасанов ташкил медиҳанд.

Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқот, яъне усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳкиқот усулҳои умумиилмие ба монанди усулҳои умумимантиқӣ (таҳлил, синтез, шабоҳат ва ғ.), назариявӣ (тасниф, гипотеза ва ғ.), эмпирикӣ (мушоҳида, баҳодиҳӣ, индуксия, дедуксия ва ғ.), диалектика, низомок ва ғ. истифода гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассумгари он аст, ки дар заминаи таҳлил ва таҳкиқоти илмии ҳуқуқи маъмурӣ рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти муҷтамаъ роҷеъ ба масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ маҳсуб меёбад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ба мисли падидаи идоракунии давлатӣ ва фаҳмиши он дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир, мазмун ва моҳияти фаъолияти гумрукӣ ҳамчун масъала ва соҳаи марказии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки ба маънии том объекти чунин намуди идоракунии давлатиро ташкил медиҳад, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва қонуният дар идоракунии давлатии соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои таърихии ташаккули масъалаи баррасишаванда, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, шароит ва омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ба ташкили фаъолияти гумрукӣ ва раванди идоракунии давлатии он таъсиркунанда ва муқарраароти амалкунандаи қонунгузории соҳавии ҶТ аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардидааст.

Ба ғайр аз ин, дар қисмати алоҳидаи рисола тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, ки мазмунан нисбати такмили қонунгузории кишвар, таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои стретегии соҳавӣ, таъмини самаранокии фаъолияти гумрукӣ ва фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст.

Боби аввали рисола «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ» унвон гирифтааст, ки дар доираи он мазмун ва моҳияти идоракунии давлатӣ аз дидгоҳи ҳуқуқи маъмурӣ, фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ ва функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз менамояд, ки дар шароити

муосир фаъолияти гумрукӣ ба мазмуни амалиаш дар шароити муосир ба ҳайси объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки нисбати он таъсиррасониҳои дахлдори ҳокимиятӣ (таъсиррасониҳои идоракунии давлатӣ) равона мегардад. Ҳамчунин, муаллиф фаъолияти гумрукиро ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ эътироф намудааст, ки онро бо асосҳои муайян исбот намудааст.

Боби дуюми рисола «Шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ» ба таҳлили табиати ҳуқуқии шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамиятнокии шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардида, ҳамчун тадбирҳои муҳимтарин дар таъмини самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби муаллиф эътироф гардидааст.

Дар боби сеюми рисола «Мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мазмун ва моҳияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, намудҳои мақомоти мазкур ва мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳлил гардидааст. Ӯ нақши мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро ба таври муфассал таҳқиқ намуда, иброз менамояд, ки он ҳамчун мақомоти салоҳияти махсусдошта баромад намуда, ба татбиқи сиёсати давлатӣ ва амалисозии идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мусоидат менамояд.

Дар боби чоруми рисола «Қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ» масъалаи қонуният ва интизом дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва тарзҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳлил гардидааст. Аз мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, ки риоя ва иҷрои муқаррарот ва талаботи қонунгузорӣ, ки моҳиятан риояи қонуният аст, шарти муҳимтарин ва асосии таъмини қонунӣ будан ва самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аст. Бо назардошти ин, муаллиф масъалаи мазкурро таҳлили ҳамаҷониба намуда, андешаҳои худро роҷеъ ба таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баён намудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро (хулоса, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда) метавон дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масъалаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ва ҳуқуқи конститутсионӣ истифода намуд.

Соибов З.М. вобаста ба масъалаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ 3 монография ва зиёда аз 50 мақолаи илмӣ, ки аз инҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ба табъ расонидааст, ки муҳтавои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳо, семинарҳо ва мизҳои муддаввари байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Бояд гуфт, ки муллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ қобилияти мустақилонаи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ дошта, нисбати масъалаҳои баррасишавандаи илмӣ имкони изҳор намудани нуқтаҳои назар ва мавқеи илмии худро дорад.

Ҳамчунин, рисола ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ буда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**

Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, профессори кафедраи
ҳуқуқи конститутсионии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ

Суроға:
734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
м.Буни Ҳисорак, тел.: (+992) 939505077

Имзои Маъруфӣ Р.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
“26” 08 2022 с.